УДК-7А6.1 (575)
ББК-75.81 (5Т)

# ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА МОДЕЛИРОНИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚА

***Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович*** *- доктори илмхои иқтисод, профессори кафедраи назарияи иқтисодиёт МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд)*
***Саидов Мирсаид*** *- доктори илмҳои иқтисод, профессори кафедраи идораи иқтисод ва маркетинги МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail:tprt@mail.ru*
***Сабуров Ихтиёр Муҳидинович*** *- муаллими кафедраи барномарезии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

# РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И МОДЕЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В РЕГИОНЕ

***Исмоилов Мамарахим Мирзорахимович*** *- доктор экономических наук, профессор кафедры теории экономики ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» Республика Таджи-кистан, г.Худжанд,*
*e-mail:Mamarahim@mail.ru*
***Саидов Мирсаид*** *- доктор экономических наук, профессор кафедры управления экономики и маркетинга ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» Республика Таджикистан, г.Худжанд, e-mail:tprt@mail.ru*
***Сабуров Ихтиёр Мухидинович*** *- преподаватель кафедры программирования ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Республика Таджикистан, г.Худжанд),*
*e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

# DEVELOPMENT OF STATE REGULATION AND MODELING OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE REGION

***Ismoilov Mamarakhim Mirzorakhimovich*** *- - Doctor of Economics, Professor of the Department of Theory of Economics of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov Republic of Tajikistan, Khujand*
*e-mail:Mamarahim@mail.ru*
***Saidov Mirsaid*** *- Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics and Marketing at the State Educational Institution of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand)*
*e-mail:tprt@mail.ru*
***Saburov Ikhtiyor Muhidinovich*** *- Teacher at the Department of Programming, State Educational Institution "Khujand State University" named after academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand),*
*e-mail: ixtier.saburov @bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушди сайёҳӣ, танзим, сармоягузории мустақим, инкишофи рақобат, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, афзалиятнокӣ.*

*Дар мақолаи мазкур амсилаи мавҷудаи рушди сайёҳӣ, вазъияти объектҳои захираҳои сайёҳӣ, намудҳои фаъолият ва бозорҳои сайёҳӣ бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Мақсаду вазифаи рушди давлатии сайёҳӣ, бояд самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ гарданд. Ин маънои онро дорад, ки пардохти бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ҳисоб кардашуда барои истифодаи захираҳои табиӣ ва захираҳои дигари сайёҳӣ пурра ба буҷети маҳаллӣ ё минтақавӣ ворид гардад.*

***Ключевые слова:*** *развитие туризма, регулирование, прямые инвестиции, развитие конкуренции, социально-экономические факторы, приоритет.*

*В статье рассматривается существующая модель развития туризма, состояние туристических ресурсов, видов деятельности и туристических рынков с учетом социально-экономических факторов, целей и задач развития государственного туризма. Должны стать следующими приоритетами государственной политики развития туризма платежи за использование природных и других туристических ресурсов, рассчитанные с учетом местных особенностей, которые полностью перечисляются в местный или региональный бюджет.*

***Key words:*** *tourism development, regulation,direct investment, development of competition, socio-economic factors, priority.*

*This article examines the existing model of tourism development, the state of tourism resources, types of activities and tourism markets, taking into account socio-economic factors, goals and objectives of the development of state tourism, should become the next priorities of the state policy of tourism development, payments for the use of natural and other tourism resources, calculated taking into account local peculiarities, are fully transferred to the local or regional budget.*

Дар ҳамаи мамлакатҳо сиёсати фаъолонаи давлатӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ аҳамияти калон дорад. Барои Тоҷикистон бошад, бо назардошти иқтидори азими сайёҳии мамлакатамон аз як тараф ва вазъи воқеан ғайриқаноатбахши соҳаи сайёҳӣ, аз ҷониби дигар, ташаккули чунин сиёсат ба зарурат табдил ёфтааст.

Таҳлили амсилаи мавҷудаи рушди сайёҳӣ, вазъияти объектҳои захираҳои сайёҳӣ, намудҳои фаъолият ва бозорҳои сайёҳӣ, бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ, мудаллалсозии мақсаду вазифаи рушди давлатии сайёҳӣ бояд марҳилаи аввали ташаккули сиёсати сайёҳӣ гарданд.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёт тадбирҳои дастгирии давлатии инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон бояд ба принсипҳои зерин такя кунад:

1. Ҷалби корхонаҳои шакли моликияташон мухталиф ба фаъолияти марбут ба дастгирии давлатӣ.
2. Дастгирии давлатӣ бояд тибқи афзалиятҳои иқтисодию иҷтимоии сайёҳӣ (дар поён баррасӣ мегардад) ба доираи маҳдуди самтҳои муҳимтарин паҳн шавад.
3. Дастгирии давлатӣ на дар шакли имтиёзҳо ба корхонаҳои алоҳида, балки дар шакли ӯҳдадориҳо ё кафолатҳои умумии ҳукумат пешниҳод гардад.

Ба назари мо, самтҳои зерин бояд самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ гарданд:

- Ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон, муқобилат ба ҷиноятзада шудани соҳаи мазкур;
- Дастгирии рушди сайёҳии суроғавӣ – иҷтимоӣ;
- Дастгирии рушди сайёҳии ташрифӣ ва дохилӣ;
- Нигоҳ доштани захираҳои табиӣ ва фарҳангии мамлакат ва минтақаҳо;
- Омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ тибқи стандартҳои байналхалқӣ.

Мутобиқан ба мақсадҳои мазкур тадбирҳои асосии дастгирии давлатии рушди сайёҳиро муайян мекунем:

1. Дар соҳаи ҳуқуқӣ: такмили пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии инкишофи методологияи иҷозатномадиҳӣ, стандартонӣ, сертификатдиҳӣ дар соҳаи сайёҳӣ, танзими гумрукӣ; муқаррар намудани қоидаҳои вуруд, хуруҷ ва будубош дар ҳудуди ҶТ бо назардошти манфиатҳои рушди сайёҳӣ; мубориза бо ҷинояткорӣ ва коррупсия.
2. Дар соҳаи иқтисодӣ: танзими андозӣ; сармоягузории ҳадафманди буҷетӣ ба барномаҳои рушди сайёҳӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ ва сайёҳӣ, афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ.
3. Дар соҳаи иҷтимоӣ: ҳалли масъалаҳои сайёҳии иҷтимоии суроғавӣ.

4. Дар соҳаи илмӣ-маърифатӣ: инкишофи тадқиқоти илмӣ дар соҳаи сайёҳӣ; ба вуҷуд овардани пойгоҳи иттилоотӣ-таҳлилӣ; таъмини кадрҳои касбӣ барои фаъолияти сайёҳӣ

5. Дар соҳаи ташкили сайёҳӣ: ташаккули илмии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ; мусоидат ба пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ; мусоидат ба иштирок дар барномаҳои байналхалқии сайёҳӣ; фароҳам овардани шароит барои истифодаи сермақсади инфрасохтори сайёҳӣ; ҳамоҳангсозии фаъолият ва сармоягузории бахшҳои давлатию хусусӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ.

Сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ бояд дар раванди танзим ва дастгирии ташаккули соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва барои он ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурӣ амалӣ гардад. Шакли дастгирӣ метавонад гуногун бошад: аз сармоягузории мустақим, ки ба ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ равона мешавад, хароҷот ба омодасозии кадрҳо, таъмини илмӣ ва рекламавӣ-иттилоотии пешбурди маҳсулоти миллии сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонӣ то имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ки воридшавии сармоягузорӣ ва инкишофи сайёҳии дохилию ташрифиро ҳавасманд мегардонанд.

Сиёсати танзими рушди сайёҳӣ бояд ба пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ такя кунад. Дар адабиёти илмӣ аксарияти мутахассисон қабули саривақтаи «Қонун дар бораи сайёҳӣ»-ро таъкид мекунанд. Таъиноти Қонуни мазкур таъмин намудани тадбирҳои зарурӣ барои танзим ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ, ҳамчунин ба ин соҳа бахшидани сохтори динамикӣ ва режими фаъолияти динамикӣ мебошад. Он муқарраротро оид ба идоракунии соҳаи саёҳӣ, аз ҷумла таърифи корхонаи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, минтақа, ҳудуд, марказҳои сайёҳӣ ва тарзҳои ташкил додани онҳо, ҳамчунин методҳои танзиму назорати корхонаҳо, сармоягузориҳо ва объектҳоро дар бар мегирад.

Алҳол дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти минтақаҳо зарурати баррасии масъала дар бораи ба вуҷуд овардани пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ ба миён омадааст. Пойгоҳи мазкур бояд ба сифати афзалияти асосӣ ба ҳам пайвастани манфиатҳои давлат ва минтақаҳоро пешбинӣ кунад, ҳамкории ҳамаи унсурҳои низоми территориявӣ ва шароитҳои баробарро барои инкишоф ва амалкарди корхонаҳои маҳаллии сайёҳии тамоми шаклҳои моликият таъмин намояд, ҳамаи алоқаҳои мутақобилаи тамоми давраҳои сармоягузорӣ (нақшагирӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, истифода)-ро дар бар гирад.

Мо чунин мешуморем, ки дар иртибот ба гуфтаҳои боло давлат бояд тадбирҳои мушаххаси зеринро пешбинӣ кунад:

- қарздиҳии имтиёзнок ба операторони сайёҳӣ, ки дар бозори дохилӣ тавассути низоми ташкилоти махсусии иҷтимоии молиявӣ бо дастгирии давлат кор мекунанд;
- имтиёзҳо ҳангоми барои офиси сайёҳӣ иҷора гирифтани биноҳое, ки моликияти давлатӣ ва муниципалӣ мебошанд:
- пешниҳоди тахфифоти гурӯҳӣ ба сайёҳон ҳангоми зиёрати музейҳо, ҷойҳои диданбоб, сафар дар дохили мамлакат тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ;
- бекор кардани андози фурӯш ҳангоми фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохилӣ;
- имтиёзҳо оид ба андози арзиши илова (масалан, дар Фаронса ААИ дар ҳамаи соҳаҳо ба ҳисоби миёна 22% аст, дар соҳаи сайёҳӣ бошад на бештар аз 13% мебошад ва дар назар буд, ки он то 10% коҳиш меёбад);
- ёрии моддӣ расонидан ба сайёҳии кӯдакон ва ҷавонон;
- ба вуҷуд овардани низоми чекҳои махсуси сайёҳӣ барои нафақахӯрон ба имконияти зиёд кардани арзиши онҳо тавассути низоми таҷаммӯӣ.

Тадбири дигари сиёсати давлатӣ, ки ба баланд бардоштани дараҷаи адреснокии маблағгузориҳо ба дастгирии соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудааст, бояд тағйир додани таносуби андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ гардад. Ин имкон медиҳад барои ба минтақаҳо интиқол кардани вазнинии асосии барномаҳои рушди туризм пойгоҳи воқеӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Ғайримарказонии идоракунии рушди сайёҳӣ мантиқан ба он оварда мерасонад, ки рентаи сайёҳӣ меҳвари иқтисодии асосӣ мегардад, яъне пардохти бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ҳисобкарда шуда барои истифодаи захираҳои табиӣ ва захираҳои дигари сайёҳӣ пурра ба буҷети маҳаллӣ ё минтақавӣ ворид мегардад.

Ба ҳисоби фонди махсус даровардани маблағҳои чунин пардохтҳои рентавӣ қобили қабул ба назар мерасад. Маблағи фонди мазкур ба маблағгузории таъмиру тармими ёдгориҳои таърихӣ, ҳамчунин сохтмон ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ пешбинӣ мегардад.

Ҳамчунин масъалаи истифодаи ҳадафманди воситаҳоеро, ки аз иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти сайёҳӣ ва сертификатсияи хизматҳои сайёҳӣ ба даст меоянд, ба таҳкими пойгоҳи моддии соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама аз нав барқарор кардани объектҳои таърихие, ки дар моликияти ҷумҳурӣ қарор доранд, дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳал кардан лозим аст.

Пешбинӣ мешавад, ки сиёсати умумидавлатии танзими рушди сайёҳӣ тавассути минтақаҳо амалӣ мегардад. Ба амал ҷорӣ намудани консепсияи давлатии танзими рушди сайёҳӣ бояд қисми таркибии сиёсати давлат оид ба тасбити вазъияти иқтисодӣ дар Тоҷикистон гардад.

Мақсади асосии Консепсияи танзими давлатии рушди сайёҳӣ дар сатҳи минтақа ба вуҷуд овардани маҷмӯи сайёҳии ҳозиразамон, самарабахш ва рақобатпазир мебошад, ки талаботи сайёҳро ба сифати олӣ қонеъ гардонад, ҳамчунин ба рушди иқтисодиёти минтақа саҳм гузорад.

Ба вазифаҳои консепсияи танзими давлатии рушди сайёҳӣ мансубанд:

- таҳияи ва қабули барномаи рушди сайёҳӣ, ки ба барномаи давлатӣ зиддият надорад;
- таҳия ва қабули қонуни минтақавӣ дар бораи сайёҳӣ;
- тарғибу ташвиқи имиҷи минтақа;
- коркарди низоми барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллии лоиҳаҳои сайёҳӣ бо ҷудо кардани намудҳои барои ҳар маҳал ояндадори фаъолияти сайёҳӣ;
- ҳамгироии минтақа бо низоми бозори сайёҳии Тоҷикистон ва ҷаҳонӣ ва иштирок дар ҳамкории байналхалқӣ дар сайёҳӣ;
- дар асоси инкишофи рақобат, махсусгардонӣ ва кооператсия дар кори ташкилотҳои сайёҳии ҳамаи шаклҳои моликият ба вуҷуд овардани бозори муосири сайёҳӣ;
- ҳавасмандгардонии инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ бо роҳи ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ);
- дар минтақа амалӣ гардонидани консепсияи рушди устувори сайёҳӣ чун шакли аз лиҳози иқтисодӣ бехатари истифодаи захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ;
- истифодаи самарабахш, нигоҳдорӣ ва таҷдиди захираҳои рекреатсионии минақа;
- ба вуҷуд овардани низоми минтақавии омодагӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои сайёҳӣ, ки ба шароитҳои муосир ҷавобгӯянд;
- мусоидат ба коркард ва дар бозори минтақавӣ ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами хизматрасонии сайёҳӣ;
- ташаккули низоми таъминоти рекламавӣ-иттилоотии саноати сайёҳии минтақа;
- инкишоф додани низоми ҳисоботдиҳии оморӣ оид ба намудҳои фаъолияти сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳамҷавори он дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ;
- дастгирии сайёҳии иҷтимоӣ ва махсусан кӯдакон;
- таъмини шароити мусоид барои бизнеси хурде, ки бидуни ҷалби маблағҳои давлатӣ инкишоф ёфта метавонад;
- фароҳам овардани имконият барои инкишофи тамоми инфрасохтори сайёҳӣ;
- таъмини заминаи амалигардонии самарабахши сиёсат ва нақшаҳои рушди сайёҳӣ, танзим ва идоракунии сайёҳӣ бо роҳи таъсиси сохторҳои зарурии ташкилӣ ва дигар сохторҳои институтсионалӣ;
- таъмини назорати доимӣ ба рафт ва самти рушди сайёҳӣ.

Максади ба миёнгузошта ва вазифаҳоеро, ки аз мақсадҳои мазкур бармеоянд, бояд шуъбаи минтақавӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва сайёҳӣ бо ёрии олоту методҳои танзими рушди сайёҳиро амалӣ намояд. Мо чунин мешуморем, ки масъалаҳои сайёҳӣ ва варзиш дорои вижагиҳои назаррас мебошанд, бинобар ин шуъбаи сайёҳиро аз таркиби комитети муттаҳида ба ҷузву томи алоҳида ҷудо кардани, ба мақсад мувофиқ аст. Бо назардошти хусусияти бисёрсоҳагии сайёҳӣ ба шуъба бояд мутахассисони касбҳои гуногун дохил шаванд.

Мо чунин мешуморем, ки барои амалигардонии консепсияи давлатии танзими рушди сайёҳӣ дар минтақа ба шӯъбаи сайёҳӣ ҳуқуқи нашри муқаррарот ва санадҳои меъёрии барои иҷро ҳатмӣ, ки бо вазоратҳои иқтисод ва молия мувофиқа карда мешаванд ва ба қонунҳои давлатӣ ихтилоф надоранд, аз ҷумла таҳияи барномаҳои рушди туризм дар минтақа, чопи маҷалла ва рӯзнома дода шавад.

Мо пешниҳод мекунем, ки Комитети сайёҳии ҶТ ба ҳайси сохтори мустақил ташкил карда шавад.

Баъди таҷдиди ташкил дар ҳайати Комитет шуъбаи махсус ҷудо карда мешавад, ки барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди сайёҳӣ дар ҳудуди ҶТ (таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои минтақавӣ) пешбинӣ мегардад. Самти афзалиятноки фаъолияти шӯъба ҳамкории фаъолона бо ширкатҳои сайёҳӣ мегардад, спектри хизматрасониҳои тиҷоратии комитет тавсеа меёбад, ки ба ҷуброни хароҷоти афзоиши штати кормандон имкон медиҳад.

Зарурати рафъи бӯҳрони иқтисодӣ бо методҳои амалигардонии барномаҳои мушаххаси рушди сайёҳӣ барои ҳар як минтақа бо вижагиҳои марҳилаи муосири ташаккули бозор дар мамлакат, аз ҷумла бо имкониятҳои идоракунӣ ва маблағгузории чорабиниҳои барномавӣ ва тақсими минбаъдаи воридот аз сайёҳӣ ба ҳалли масоили рӯзмарраи аҳолии вилоят ва рушди оянда алоқаманд аст.

Тамоюли функсионалии барномаи минтақавии рушди сайёҳӣ дорои хусусияти маҷмӯӣ мебошад ва амалиёти ҳамоҳангу мувофиқашуда ва қарорҳои ташкилии мақомоти мухталифи минтақавии

идоракунӣ, ҳамчунин ҳайати бисёрсоҳаи иҷрокунандагони тадбирҳои барномавиро тақозо мекунад. Ҳолати мазкур яке аз далелҳои аз ҳама қотеъ дар асосноккунии ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди сайёҳӣ дар пойгоҳи муносибати барномавӣ-ҳадафманд мебошад.

Таъкид кардан муҳим аст, ки ҳар минтақа хусусиятҳои худро дорад: иқлим, экология, ландшафт, пойгоҳи моддӣ, хизматҳои сайёҳӣ ва ғайра, бинобар ин барнома вижагиҳои мазкурро ба инобат мегирад. Барои он ки барномаи минтақавӣ мукаммал бошад, барномаҳои инкишофи шаҳру шаҳракҳо заруранд.

ПАЙНАВИШТ

1. Кадыров А.Л. Точность прогнозирования методом k-- ближайших соседей. Материалы 8-ой международной научно-технической конференциии “Информационные системы и тенологии ИСТ-2019”, стр. 293-297. 14-сентября 2019г., Коблево-Харьков, Украина. ISBN 987-617-7683-63-5
2. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Оптималигардонии рушди сайёҳӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт” (28 марти соли 2020), Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат. Ш. Душанбе.саҳ. 187-191. УДК 657 ББК 65.052
3. Кадыров А.Л. Сабуров И.М. Постановка задачи оптимизации развитие туризма. Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия естественные и экономические науки стр.111-118. №2 (53), 2020. УДК 338+51+338.3 ББК 65.050.9(2) 2. ISSN 2077-4974. 0,4 ҷ.ч.

REFERENCES

1. Kadirov A.L. The accuracy of forecasting by the k-nearest neighbors method. Proceedings of the 8th International Scientific and Technical Conference “Information Systems and Tenology IST-2019”, pp. 293-297. September 14, 2019, Koblevo-Kharkiv, Ukraine. ISBN 987-617-7683-63-5
2. Kadyrov A.L. I. M. Saburov Optimization of tourism development. Materials of the republican scientific-practical conference "Accounting, analysis and audit of migration in the context of globalization of the economy" (March 28, 2020), Institute of Tourism, Conditions and Services. W. Monday. 187-191. UDC 657 BBK 65.052
3. 3. Kadyrov A.L. I. M. Saburov Statement of the problem of optimization of tourism development. Scholarly notes. Natural and economic sciences of the Khujand State University named after academician B. Gafurov. No. 2 (53), 2020. UDC 338 + 51 + 338.3 BBK 65.050.9 (2) 2. ISSN 2077-4974. 0.4 p.s.